## ХУЛОСАИ АУДИТОРИ МУСТАҚИЛ

**Ба муассисон ва Шӯрои директорони**
**ҶДММ ТАҚХ "Зудамал"**

### Ақида бо тавзеҳ

Мо аудити ҳисоботи молиявии пешниҳоднамудаи ҶДММ ТАҚХ "Зудамал" (минбаъд - «Ташкилот»)-ро, ки ҳисобот дар бораи ҳолати молиявӣ ба 31 декабри соли 2021 ва ҳисоботи дахлдорро дар бораи маҷмӯи даромадҳо, ҳаракати воситаҳои пулӣ ва тағйиротҳо дар сармояи худӣ дар соле, ки дар санаи зикргардида ба итмом расидаанд, инчунин изҳори мухтасари принсипҳои асосии сиёсати баҳисобгирӣ ва дигар эзоҳҳоро нисбати ҳисоботи молиявии мазкурро дар бар мегирад ба итмом расонидем.

Ба ақидаи мо ба истиснои эҳтимолияти таъсири натиҷаҳои масоили дар **қисмати "Асос барои ибрози ақида бо тавзеҳ"** дарҷшудаи хулосаи мо ҳисоботи молиявии пешниҳодшуда дар тамоми ҷанбаҳои худ вазъи ҳақиқии молиявии Ташкилотро ба санаи 31-уми декабри соли 2021, инчунин натиҷаҳои молиявии он ва ҳаракати воситаҳои пулиро дар тули соле, ки дар санаи зикргардида ба охир расидааст мутобиқи Стандартҳои байналмиллалии ҳисоботи молиявӣ (СБҲМ) дуруст инъикос менамояд.

### Асос барои ибрози ақида бо тавзеҳ

**Ҳисобкунии бекурбшавии дороиҳо** -Ҳангоми таҳияи ҳисоботи молиявии мазкур Ташкилот бекурбшавии қарзҳоро мувофиқи дастурамали Бонки миллии Тоҷикистон №215 "Дар бораи тартиби ташкил ва истифодаи захира ва ФПТИ аз рӯи қарзҳо" ҳисоб намудааст, ки ба талаботи СБҲМ 9 "Фишангҳои молиявӣ" мувофиқат намекунад. Бо сабаби он, ки Ташкилот талабот оиди баҳодиҳии дороиҳои молиявӣ ва ӯҳдадориҳоро мувофиқи талаботи СБҲМ 9 "Фишангҳои молиявӣ"-ро дар амал татбиқ накардааст, бинобар ин мо натавонистем, ки таъсири истифодаи стандарти мазкурро ба дороиҳои молиявӣ ва ӯҳдадориҳоро дар давраи ҳисоботӣ муайян намоем. Далели мазкур натиҷаи қарори Роҳбарият мебошад.

**Барӯйхатгирии амвол-** Диққатро ба он ҷалб менамоем,ки мо натавонистем барӯйхатгирии амволро дар охири давраи ҳисоботӣ мушоҳида кунем, зеро ин сана пеш аз санаи ҷалби мо ба ҳайси аудитори Ташкилот буд.

### Масъалаҳои муҳими аудит

Масъалаҳои муҳими аудит –ин масоиле мебошанд, ки онҳо мутобиқи муҳокимаи касбии мо барои аудити ҳисоботи молиявии мазкур барои соли ҷорӣ бештар муҳим арзёбӣ гардидаанд. Ин масъалаҳо дар матни ҳисоботи молиявии мо дар маҷмӯъ ва ҳангоми ташаккулёбии ақидаи мо дар бораи ин ҳисобот баррасӣ гардидаанд. Мо ақидаи алоҳидаро вобаста ба масъалаҳои мазкур изҳор наменамоем.

**Баҳси судӣ**-Мо диққатро ба эзоҳи 6 ҷалб менамоем,ки он маълумот оиди баҳси судии аз ҷониби Ташкилот даъвошударо ошкор менамояд. Нисбати Ташкилот даъвои судӣ мавҷуд нест.

**Ҳодисаҳои баъди давраи ҳисоботӣ ба амал омада-**_Мо диққатро ба эзоҳи 7 ҷалб менамоем,ки ходисаҳои муҳими баъди давраи ҳисоботӣ ба амал омадаро ошкор менамояд.

**Ҳисоб намудани истеҳлоки воситаҳои асосӣ**- Барои ҳисоб намудани истеҳлоки воситаҳои асосӣ Ташкилот аз меъёрҳои муқаррарнамудаи Кодекси андоз истифода мебарад, ки он ба талаботи СБҲМ (IAS) 16 «Воситаҳои асосӣ» ва талаботи баҳисобгирии муҳосибӣ мувофиқ намебошад. Роҳбарияти Ташкилот истифодаи ин усулро афзал медонад.
Ақидаи мо нисбати ҳодисаҳои мазкур бетағир боқӣ мондаанд.

**Фаъолияти муттасила** – Ҳисоботи молиявии Ташкилот бо истифодаи усули муттасилаи фаъолият дар баҳисобгирии муҳосибӣ таҳия шудааст. Роҳбарият нияти барҳамдиҳии Ташкилот ва ё ихтисор кардани фаъолияти онро дар ояндаи наздик надорад. Дар доираи аудити ҳисоботи молиявии гузаронидашуда мо ба хулосае омадем, ки истифодаи принсипи фаъолияти муттасила аз ҷониби Роҳбарият барои таҳияи ҳисоботи молиявии Ташкилот мувофиқи мақсад мебошад.

Мо аудитро мутобиқи Стандартҳои байналмиллалии аудит (СБА) гузаронидем.Уҳдадориҳои мо мутобиқи ин стандартҳо дар қисмати "Ӯҳдадориҳои аудитор"-и хулосаи мо дарҷ шудаанд. Мо нисбати Ташкилот мувофиқи талаботҳои этикии ба аудити ҳисоботи молиявии мазкур истифодашаванда вобастагӣ надорем. Аз тарафи мо инчунин дигар тартибҳои этикӣ иҷро шуданд, ки талаботҳои этикӣ муайян намудаанд. Мо чунин меҳисобем, ки далелҳои аудитории комил ва заруриро барои ибрози ақида бо тавзеҳ гирифтем.

### Масъулияти роҳбарият оид ба омодасозии ҳисоботи молиявӣ

Масъулият оид ба омодасозии ҳисоботи молиявии мазкур ва мувофиқати он ба талаботҳои Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ ба зиммаи роҳбарияти Ташкилот вогузор карда шудааст. Масъулияти мазкур аз таъсис додан, ҷорӣ ва дастгирӣ намудани сохтори назорати дохили ҷиҳати омодасозӣ ва пешниҳоди ҳисоботи боэътимоди молиявӣ, ки дар худ таҳрифҳои ҷиддӣ дар натиҷаҳои суиистифодабариҳои молиявӣ, ҳамчунин натиҷаи хатогӣ надоранд; интихоб ва татбиқи сиёсати дахлдори баҳисобгирӣ, инчунин татбиқи баҳодиҳии муҳосибавии асоснок иборат мебошад.

### Масъулияти аудитор

Вазифаи мо аз изҳори ақида ҷиҳати дуруст будани ҳисоботи молиявии мазкур дар асоси аудити гузаронидаи мо иборат мебошад. Мо аудитро мутобиқи талаботҳои Стандарти байналмилалии аудит ба анҷом расонидем. Стандартҳои мазкур аз мо риоя намудани меъёрҳои этики, инчунин ба нақшагирӣ ва гузаронидани аудитро бо мақсади боварии комил ҳосил намудан, ки ҳисоботи молиявӣ дорои таҳрифҳои ҷиддӣ намебошад талаб менамоянд. Аудит дар худ анҷом додани амалиётҳое, ки ба гирифтани далелҳои аудиторӣ нисбати нишондиҳандаҳои шуморавӣ ва эзоҳ ба ҳисоботи молиявиро дар бар мегирад. Интихоби амалиётҳои зарурӣ аз фикру ақидаи касбии аудитор асос мeёбад, ки аз он ҷумла баҳо додан ба хавфи муҳими таҳрифи ҳисоботи молиявӣ дар натиҷаи суистифодаи молиявӣ ё хатогиҳо асос мегирад. Баҳодиҳии чунин хавфҳо, баррасии сохтори назорати дохилиро аз рӯи омодасозӣ ва дуруст будани ҳисоботи молиявӣ бо мақсади коркарди амалиётҳои аудиторие, ки дар ҳолатҳои мазкур татбиқ мешаванд дар бар мегирад, на бо мақсади изҳори фикру ақида нисбати самаранокии сохтори назорати дохила асос мeёбад. Аудит таҳлили принсипҳои ҳисоботи муҳосибавӣ ва муҳимияти баҳодиҳиро, ки аз ҷониби роҳбарият омода шудааст, инчунин баҳодиҳии умумиро нисбати ҳисоботи молиявиро дар бар мегирад.

Дар доираи санҷиши аудит мутобиқи Стандартҳои байналмилалии аудит мо ақидаҳои касбии худро дар давоми санҷиш нигоҳ медорем.

Мо инчунин:

- Хавфи тахрифи ҳисоботи молиявии вобаста ба қаллобӣ ё ин ки хатогиҳоро муайян менамоем ва баҳодиҳӣ менамоем, барои таъмин намудани далели кофӣ вобаста ба чунин хавфҳо санҷиши аудиторӣ мегузаронем ва далелҳои кофӣ ба даст меорем;
- низоми назорати дохилиро на бо мақсади баҳо додан ба самаранокии он, балки бо мақсади таҳияи мушоҳидаҳои аудиторӣ ки барои ҳолатҳои мувофиқ дахл дорад меомӯзем;
- барои ба мавқеъ истифода бурдани сиёсати ҳисобдорӣ ва асоснок будани маълумотҳои дар эзоҳот дарҷкардан Роҳбарият баҳо медиҳем;
- дар асоси истифодаи бамавқеъ ва мунтазами низоми муҳосибии доимӣ процедураҳои аудиториро барои муайян намудани номуайяниҳои назаррас вобаста ба ҳодиса ва воқеаҳо, ки метавонанд шубҳаҳои ҷиддиро оид ба фаъолияти Ташкилот ҳамчун субъекти фаъолияти худро дар оянда идомадиҳанда ба амал мероранд анҷом медиҳем.
- оиди аз тарафи роҳбарият мақсаднок истифода бурдани принсипи мунтазами фаъолияти баҳисобгирии муҳосибавӣ ва дар асоси далелҳои гирифташуда муайян намудани он ки оё номуайянии муҳим нисбати ҳодиса ва шароитҳое,ки дар оянда қобилияти Ташкилотро барои идома додани фаъолият зери шубҳа мебаранд хулосабарорӣ мекунем. Хулосаҳои мо дар асоси далелҳои аудитории то санаи пешниҳоди ҳисоботи аудиторӣ гирифта асос меёбанд. Минбаъд ҳодисаҳо ва шартҳои оянда ба амал меомада ба гум кардани қобилияти Ташкилот барои идомаи фаъолият оварда мерасонанд;
- дар маҷмуъ баҳодиҳии пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ, сохтор ва мазмуни он бо назардошти тавзеҳоти маълумот, инчунин таъмини саҳеҳии пешниҳоди амалиётҳои аз он ҳодиса ва шартҳои асосёфтаро мегузаронем.

Мо бо роҳбарият оиди ҳаҷм ва мӯҳлати аудит, инчунин дар бораи проблемаҳои муҳими дар ҷараёни аудит ошкоршуда, аз он ҷумла оиди камбудиҳои назарраси низоми назорати дохилӣ тамос мегирем.

Мо инчунин ба шахсони масъул нисбати идоракунии корпоративӣ тасдиқнома оиди аз тарафи мо риоя намудани тамоми талаботҳои этикӣ нисбати мустақилият ирсол менамоем, онҳоро оиди ҳамаи муносибатҳо ва дигар масъалаҳое, ки мумкин аст ба мустақилияти аудиторон таъсир расонанд ва дар ҳолатҳои зарурӣ – оиди чораҳои дахлдори эҳтиётӣ огоҳ намудем.

______________

**Дустов Сафарбек Савриддинович**

**Директори ҶДММ «Консултант Аудит»**

**Иҷозатномаи Бонки миллии Тоҷикистон- БМТ №0000139 аз 29 апрели соли 2021**

**Шаҳодатномаи тахассусии аудитори бонкӣ БМТ №0000010 аз 08 январи соли 2014**

**ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**27 апрели соли 2022**



734012, ш. Душанбе, Тоҷикистон, кӯч. Айни 24А, 4-ум ошена. Утоқи 404
Тел.: моб.: +992 918 36 00 88, тел.: офис.: +992 44-620-59-61
e-mail: info@audit.tj, www.audit.tj

# ҲИСОБОТ ОИДИ ФОИДА ВА ЗИЁН ВА ДИГАР ДАРОМАДҲОИ УМУМӢ

дар соли санаи 31-уми декабри соли 2021 ба итмом расида

| Моддаҳо | Эзоҳ | 2021с. | 2020с. |
|---|---|---|---|
| Даромади фоизӣ | 4.1 | 2 893 764 | 2 412 201 |
| Хароҷоти фоизӣ | 4.2 | (597 875) | (410 683) |
| **Даромади холиси фоизӣ** | | **2 295 889** | **2 001 518** |
| Хароҷоти ташаккули фонди умумӣ | 4.3 | (1 030 064) | (725 446) |
| **Фоида (зарари) амалиётӣ** | | **1 267 825** | **1 276 072** |
| Даромад аз хизматрасониҳои комиссионӣ | 4.4 | 13 517 140 | 10 719 535 |
| Хароҷот аз рӯи хизматрасониҳои комиссионӣ | 4.5 | (10 679 981) | (8 150 668) |
| Даромадҳо бо тарҳи хароҷот аз амалиётҳо бо асъори хориҷӣ | 4.6 | 1 043 909 | 807 999 |
| Даромадҳо бо тарҳи хароҷот аз азнавбаҳодиҳии асъори хориҷӣ | 4.7 | 29 044 | (42 437) |
| Дигар даромадҳои амалиётӣ | 4.8 | 1 217 696 | 608 491 |
| Хароҷоти идоравӣ ва дигар хароҷоти амалиётӣ | 4.9 | (5 392 453) | (4 590 905) |
| **Фоида (зиён) то андозбандӣ** | | **1 001 180** | **628 087** |
| Андоз аз фоида | 4.10 | (470 938) | (173 119) |
| **Фоидаи (зиён) соф** | | **530 242** | **454 968** |

**Директори Генералӣ**

**Файзулоев М.Х.**

**Сармуҳосиб**

**Нуров С.**

## ҲИСОБОТ ОИДИ ҲОЛАТИ МОЛИЯВӢ

Ба 01 январи соли 2022

| | Эзоҳ | 31.12.2021с. | 31.12.2020с. |
|---|---|---|---|
| **Дороиҳо** | | | |
| Воситаҳои пулӣ | 5.1 | 905 775 | 2 375 905 |
| Воситаҳо дар бонкҳо | 5.2 | 5 010 054 | 3 515 530 |
| Захираи ҳатмӣ дар БМТ | 5.3 | 996 399 | 464 416 |
| Қарзҳои додашуда ба мизоҷон | 5.4 | 14 093 882 | 11 483 500 |
| Фоизҳо барои гирифтан | 5.5 | 127 327 | 173 306 |
| Дороиҳои ҷории дигар | 5.6 | 1 668 290 | 1 579 616 |
| Гарави гирифташуда барои бозфуруш | 5.7 | 619 990 | - |
| Воситаҳои асосӣ | 5.8 | 579 742 | 494 219 |
| Дороиҳои ғайримоддӣ | 5.9 | 217 152 | 225 318 |
| Дороиҳои молиявӣ | 5.10 | 50 000 | 50 000 |
| **Ҳамагӣ дороиҳо** | | **24 268 561** | **20 361 810** |
| **Ӯҳдадориҳо** | | | |
| Амонатҳои мизоҷон | 5.11 | 16 730 105 | 13 131 111 |
| Андозҳо барои пардохт | 5.12 | 140 695 | 20 121 |
| Ӯҳдадориҳои ҷории дигар | 5.13 | 783 880 | 205 347 |
| **Ҳамагӣ ӯҳдадориҳо** | | **17 654 680** | **13 356 579** |
| **Сармояи худӣ** | | | |
| Сармояи саҳомии пардохташуда | 5.14 | 6 000 000 | 6 000 000 |
| Захира барои амалиётҳои оянда Ташкилот | 5.14 | 85 112 | 85 112 |
| Захираи умумӣ | 5.14 | 320 045 | 297 297 |
| Дигар захираҳо | 5.14 | 167 854 | 167 854 |
| Фоидаи тақсимнашуда | 5.14 | 40 870 | 454 968 |
| **Ҳамагӣ сармоя** | | **6 613 881** | **7 005 231** |
| **Ҳамагӣ ӯҳдадориҳо ва сармоя** | | **24 268 561** | **20 361 810** |

**Директори Генералӣ**

**Файзулоев М.Х.**

**Сармуҳосиб**

**Нуров С.**

## ҲИСОБОТ ОИДИ ҲАРАКАТИ ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ

дар соли санаи 31-уми декабри соли 2021 ба итмом расида

| | эзоҳ | 2021с. | 2020с. |
|---|---|---|---|
| **Ҳаракати нақдина аз рӯи амалиётҳои оператсионӣ** | | | |
| **Фоидаи (зиён) соф** | | **530 242** | **454 968** |
| Тасҳеҳи фоидаи соф: | | | |
| Хароҷоти фарсоиш ва истеҳлоки дороиҳо | | 124 006 | 109 888 |
| Хароҷоти ФПТИ аз рӯи қарзҳо ва дигар дороиҳо | | 1 030 064 | - |
| Даромад аз барқарорсозии дороиҳо | | (939 944) | (149 156) |
| Хароҷоти ҳисобкунии захира барои рухсатиҳои истифоданашуда | | 89 276 | - |
| Дигар хароҷоти ҳисобкардашуда | | 8 726 | - |
| Хароҷоти хориҷкунии воситаҳои асосӣ | | 9 675 | - |
| Фоида (зарар) аз азнавбаҳодиҳии асъори хориҷӣ | | (29 044) | - |
| **Ҳаракати нақдина то тағирёбии дороиҳои амалиётӣ ва ӯҳдадориҳо** | | **822 999** | **415 700** |
| **Тағирёбии дороиҳои гардон ва ӯҳдадориҳо:** | | | |
| Афзуншавӣ\камшавии маблағҳои захираҳои ҳатмӣ | | (531 983) | 25 569 |
| Афзуншавӣ\камшавии холиси қарзҳои мизоҷон | | (3 049 715) | (1 248 377) |
| Афзуншавӣ\камшавии холиси фоизҳо барои гирифтан | | 45 979 | 38 877 |
| Афзуншавӣ\камшавии холиси дороиҳои дигар | | (555 355) | (181 231) |
| Афзуншавӣ\камшавии холиси амонатҳои мизоҷон | | 3 598 994 | 976 091 |
| Андоз аз фоидаи пардохтшуда | | (144 500) | 64 713 |
| Афзуншавӣ\камшавии холиси дигар андозҳо | | (5 216) | 20 120 |
| Афзуншавӣ\камшавии холиси ҳисобҳо барои пардохт | | - | 16 |
| Афзуншавӣ\камшавии холиси дигар ӯҳдадориҳо | | 489 258 | 34 274 |
| Афзуншавӣ\камшавии фоизҳо барои пардохт | | - | 13 141 |
| **Ҳаракати холиси тағирёбии дороиҳои гардон ва ӯҳдадориҳо:** | | **(152 539)** | **(256 807)** |
| **Гардиши холиси нақдина барои амалиётҳои оператсионӣ** | | **670 460** | **158 893** |
| **Ҳаракати нақдина аз рӯи амалиётҳои сармоягузорӣ** | | | |
| Хариди таҷҳизот ва моликият | | (198 627) | (214 347) |
| Хариди дороиҳои ғайримоддӣ | | (15 220) | (315 261) |
| **Маблағҳои холиси нақдинаи барои амалиётҳои сармоягузорӣ истифодашуда** | | (213 847) | (529 608) |
| **Гардиши холиси нақдина аз рӯи амалиётҳои сармоягузорӣ** | | **(213 847)** | **(529 608)** |
| **Гардиши нақдина аз рӯи амалиётҳои молиявӣ** | | | |
| Пардохти суди саҳмия | | (432 219) | (511 378) |
| **Гардиши софи нақдина аз амалиётҳои молиявӣ** | | **(432 219)** | **(511 378)** |
| **Тағирёбии холиси нақдина** | | **24 394** | **(882 092)** |
| **Воситаҳои пулӣ дар аввали сол** | 1 | **5 891 435** | **6 773 527** |
| **Воситаҳои пулӣ дар охири сол** | 1 | **5 915 829** | **5 891 435** |

**Директори Генералӣ** — **Файзулоев М.Х.**

**Сармуҳосиб** — **Нуров С.**

## ҲИСОБОТ ОИДИ ТАҒИРОТ ДАР САРМОЯ

дар соли санаи 31-уми декабри соли 2021 ба итмом расида

| | Сармояи саҳомии пардохташуда | Дигар захираҳо | Захира барои дигар амалиётҳои Ташкилот | Фоидаи тақсимнашуда (зиён) | Захираи умумӣ | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **Бақия дар 01 январи соли 2020** | 6 000 000 | 167 854 | 85 112 | 511 378 | 271 728 | 7 036 073 |
| Фоидаи соф (зарар) | - | - | - | 454 968 | - | 454 968 |
| Ташкили захираи умумӣ | - | - | - | - | 25 569 | 25 569 |
| Суди саҳмия | - | - | - | (511 378) | - | (511 378) |
| **Бақия дар 01 январи соли 2021** | **6 000 000** | **167 854** | **85 112** | **454 968** | **297 297** | 7 005 231 |
| Фоидаи соф (зарар) | - | - | - | 530 242 | - | **530 242** |
| Зиёдшавии захира аз ҳисоби фоида | - | - | - | (22 748) | 22 748 | - |
| Тасҳеҳи фоидаи тақсимнашудаи солҳои гузашта | - | - | - | (489 373) | - | (489 373) |
| Суди саҳмия | - | - | - | (432 219) | - | (432 219) |
| **Бақия дар 31 уми декабри соли 2021** | **6 000 000** | **167 854** | **85 112** | **40 870** | **320 045** | **6 613 881** |

**Директори Генералӣ** **Сармуҳосиб**

**Файзулоев М.Х.** **Нуров С.**